# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Диссертатсияи доктории Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна ба таҳқиқи ҷанбаҳои забонии воситаҳои тасвири бадеӣ ва вижагиҳои тарҷумаи онҳо дар заминаи матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Аз муҳтавои диссертатсия маълум мегардад, ки масъалаҳои назариявии ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва истифодаи самараноки онҳо дар матнҳои бадеӣ, то андозае мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошанд ҳам, дар назария ва амалияи тарҷума баҳсҳои зиёде мавҷуд буда, таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаро ҷалб намудааст.

Аз ин рӯ, дар диссертатсияи мазкур таносуби тарҷумаи баъзе аз намунаҳои барҷастаи воситаҳои тасвири бадеӣ ба таври фарогир баррасӣ шуда, роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ мегарданд.

Мақсади диссертатсия таҳлили муқоисавии фарогири ҷанбаҳои забонии воситаҳои тасвири бадеӣ аз нигоҳи тарҷума дар заминаи матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Аҳаммияти кори диссертатсионии мазкур бо он муайян мегардад, ки нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн ва ҷанбаҳои забонию тарҷумаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар қолаби диссертатсия таҳқиқ шудааст. Муаллиф аввалин бор дар забоншиносии тоҷик воситаҳои тасвири бадеиро аз лиҳози луғавӣ-сохторӣ, сарфию наҳвӣ ва услубӣ ба таври мукаммал баррасӣ кардааст, ки то ҳол ба дараҷаи зарурии муқоисавӣ ва тарҷумавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ омӯхта нашудаанд. Ҳамчунин, дар таҳқиқ воситаҳои тасвири бадеӣ, вазифаҳои

дастурӣ, тарҷумавӣ ва нақши онҳо дар ташаккули сохторҳои мукаммали муоширатии ҷумлаҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.

Чунонки аз натиҷаҳои таҳқиқ аён мегардад, таҳлили муқоисавии вижагиҳои забонии воситаҳои тасвири бадеӣ дар ҷумлаҳои тоҷикӣ ва англисӣ, хусусиятҳои услубии онҳо барои дарки дуруст ва истифодаи онҳо ба тарҷумаи муносибу мукаммали онҳо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуъ ба масъалаҳои мазкур кори муҳим ва судманд дониста мешавад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дар заминаи таҳқиқи анҷомшуда пажӯҳиши муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар заминаи маводи назарии ду забон омӯхта шуда, кӯшиши омӯзиши ин воситаҳои муассири забон, усулҳои тарҷума, татбиқ ва корбурди онҳо дар асари бадеӣ мушаххас карда шудааст.

Бори аввал тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва хусусиятҳои луғавию истилоҳии онҳо дар ду забон ба таври дақиқ таҳлил карда шудааст. Омилҳои луғавӣ ва дастурии воситаҳои тасвири бадеӣ, номутобиқатии истилоҳии онҳо дар луғатҳои тафсирӣ ва дузабона ва роҳҳои ифодаи онҳо дар таркиби воҳидҳои луғавии бемуодил, ки ба раванди тарҷумаи осори бадеӣ таъсир мерасонанд, мавриди баррасӣ карор гирифтаанд. Дар робита ба ин, дар диссертатсия нахуст кӯшиш шудааст, то ба низом ва сохтори баъзе воситаҳои тасвири бадеии ду забон, ки ба пуррагӣ пажӯҳиш нашудааст, равшанӣ андохта шавад, зеро маҳз дар доираи ду забон ҷанбаи забонӣ ва тарҷумаи онҳо муайян карда мешавад.

Диссертатсия ва автореферати Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-

таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқ мебошад.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 43 мақолаи муаллиф, аз ҷумла, 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 монография инъикос ёфтааст. Автореферати диссертатсия ва мақолаиҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмун ва мавзуи диссертатсия мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар матни диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои пажӯҳиш ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Соҳибназарова Ҳавасмоҳ

Тиллоевна кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Каримзода Шуҳрат Бозор** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон»;

– **Мақсудов Умед Олимович** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои факултети молия ва баҳисобгирии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Сабирова Сановбар Ғаниевна** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи «Лингвистика»-и филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳр Душанбе.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Баротзода Ф.К.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳмонова Н.Ш.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Сулаймонов С.

«11» марти соли 2025